Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062
назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Руссия
ш. Душанбе, 734000, кӯчаи М.Турсузода №30.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ин ташаккул ва рушди фаъолияти самаранокии механизмҳои инноватсионии бахшҳои иқтисодӣ ҳамчун системаи миллии инноватсионӣ мебошад. Самаранокии ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбӣ асосан бо мавҷудияти инфрасохтори инноватсионии рушдкардаи он муайян карда мешавад. Инчунин дар замони муосир омили асосии рушди давлат ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ин инкишофи илмӣ-техникӣ ва рушди инноватсионӣ аст. Бисёре аз давлатҳои ҷаҳон барои устуворнамоии иқтидорҳои илмӣ-техникӣ, фарохсозии сармоягузорӣ дар соҳаи технологияҳои илмиасос, иштирок дар мубодилаи байналхалқии технологӣ ва тезонидани рушди суръати илмӣ-техникӣ кӯшиш менамоянд.

Аз ҳамин нуктаи назар кори диссертасионии анҷомёфтаи Сафаров Зулфиқор Азаматович роҷеъ ба рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир саривақтӣ ва мубрам аст. Аҳамиятнокии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он исбот карда шуда, ақидаву хулосаҳоеро, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, дар амал татбиқ намудан мумкин аст.

Диққати асосӣ ба масъалаҳои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии сохтори иқтидори инноватсионӣ, таҳлили вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии омилҳои ба рушди он таъсиркунанда, муайян кардани ҳолати тиҷоратикунонии НФИТ-и МТОК ва омилҳои ба раванди он таъсиррасон ва асоснок намудани зарурати таъсис ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили инфрасохторҳои инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Тавре муҳаққиқ иброз медорад зарурати рушди инноватсионии таҳсилоти олӣ бо назардошти тамоюлҳо ва мушкилоти даҳсолаи охир вобаста ба масъалаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун бахши муҳими иқтисоди миллӣ, навсозӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт, инчунин

афзоиши рақобат дар бозорҳои дониш ва технологияҳо алоқаманд аст (саҳ.10).

Аз нигоҳи муаллифи автореферат арзёбии вазъи ташаккулёбӣ иқтидори инноватсионии МТОК ҷузъҳои захиравӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсионӣ (иқтидори кадрӣ, иқтидори зеҳнӣ, иқтидори молиявӣ, иқтидори моддӣ-техникӣ ва иқтидори инфрасохторӣ) истифода гардидаанд (саҳ.11).

Мавриди зикр аст, ки диссертант ҳангоми гузаронидани таҳқиқот маълумотҳои зиёдеро ҷамъоварӣ карда, онҳоро тариқи ҷадвалу диаграммаҳо ҷой дода, таҳлилҳо гузаронида ва натиҷаи таҳлилҳоро дар хулосаи кор нишон додааст. Дар хулосаҳои асосии Сафаров З. А . аз таҳқиқоти худ натиҷагирӣ карда, тавсияҳои амалиро барои беҳтар кардани рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" пешниҳод намудааст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Мулоҳизоту ақидаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров З.А. дар 10 интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ин 4 – тояш дар нашриҳои тақризавандаи КОА—и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар таҳия кардани модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад.

2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ низ ба чашм мерасанд, ки онҳо ислоҳро тақозо менамоянд.

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро тағйир намедиҳанд. Масъалаҳои назариявӣ, методологии дар автореферат нисбатан пурра таҳқиқи илмӣ ёфтанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон) » пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф Сафаров Зулфиқор Азаматович сазовори дараҷаи

илмии номзади илми иқтисодӣ аз ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи идоракунии молияи**
**давлатии Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Досиев М.Н.**

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
Телефон: (+992 37) 224-17-86, (+992) 918 11 96 48;
Факс: (+992 37) 224-17-86;
E-mail: info@apa.tj, dostiev68@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш. Б.**